# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзӯи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01.-Ботаника пешниҳод гардидааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуғафури Сафар ба омӯзиши яке аз масъалаҳои асосии муҳим дар шароити имрӯзаи таъминсозии амнияти экологии маводи ғизо, нигоҳдории устувори захираҳои гуногунии биологӣ, таъмини амнияти биологии экосистемаҳои табиӣ ва кишоварзӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои таъминсозии тавозуни гуногунии биологӣ ва омӯзиши хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулон (Lamiaceae Mart), равона гардидааст.

Дар шароити экосистемаҳои табиии кӯҳистони Тоҷикистон фаъолияти хоҷагидорӣ ва хизматрасонӣ бештар аз мавҷудияти захираҳои табиат, истифодабарии захираҳои гуногунии биологӣ вобастагии зиёд дорад ва бо таъсири омилҳои экологӣ, хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart) татиатан устуворӣ ба тағйиротҳои дар табиат ба амал омада мутобиқ пайдо мекунад.

Дар шароити кӯҳистони Тоҷикистон фаъолияти 75%-и аҳолӣ ва сатҳи зиндагии онҳо аз мавҷудияти захираҳои гуногунии биологӣ, алоқамандии зич дорад. Бо фаъол гардидани фаъолиятҳои хоҷагидорӣ ва хизматрасонӣ дар экосистемаҳои табиӣ, таъсирҳо ба ҳолатҳои экологӣ ва ба хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart) сол аз сол зиёд гардида ба маҳдудшавии ареалҳои растании мазкур, мусоидат намуда истодааст. Аз ин лиҳоз омӯзиш, баҳодиҳӣ ва зарурати нигоҳдошти гуногунии биологии намуди растании мазкур, яке аз масъалаҳои асосии мубрам гардидааст.

Дар қаламрави Тоҷикистон паҳншавӣ ва фаъолияти фитосенологии баъзе намудҳои лабгулон – Lamiaceae Mart дар экосистемаҳои табиии Ҳисору Дарвоз ва дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ба назар мерасад.

Дар автореферати диссертатсияи Абдуғафури Сафар омӯзишҳои пурра доир ба ташаккули олами растаниҳои Тоҷикистон саҳми назаррас доранд, инчунин дар таркиби он растаниҳои равғани эфирӣ (30 намуд), доруворӣ (21 намуд), асаловар (14 намуд), ороишӣ (5-намуд) ва 25 – намуд хӯроки чорво низ мавҷуданд. Ҳамчунин, намудҳои авлодҳои *Mentha, Salvia, Nepeta, Ziziphora, Melissa, Origanum, Lamium, Hyssopus* ва ғайраҳо, ки дар тибби анъанавӣ истифода мешаванд, вале то ҳол таҳқиқоти махсуси бисёрҷонибаи оилаи лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон гузаронида шуда набуд, ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, омӯзиши ҳолати ин гурӯҳи систематикӣ мубрам мебошад. Оид ба таркиби растаниҳои фоиданоки оилаи мазкур айни ҳол маълумот хеле кам ба назар мерасанд. То ҳол оид ба гуногунии намудӣ ва таҳлили фитосенологии намудҳои мансуби оилаи мазкур дар Тоҷикистон маълумоти мушаххас мавҷуд нест. Имкониятҳои истифодаи амалии намояндаҳои оила ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, инчунин оид ба хосиятҳои шифобахшии намудҳои ҷудогона маълумоте нест. Аз ҳамин лиҳоз, омӯзиши мавзуи мазкур мубрам мебошад.

Дар шароити Тоҷикистон таҷрибаҳои илмӣ оид ба омӯзиши гуногунии биологӣ ва таҳлили оилаи лабгулҳо гузаронида нашудаанд ва маводҳои илмӣ оид ба гуногунии биологии намудҳои оилаи мазкурро мавриди омӯзиш аз тарафи Абдуғафури Сафар дар мавзӯи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор», қарор дода шудааст.

Дар автореферат диссертант бо таври мухтасар сабабҳои таҳқиқи масъалаи мазкурро нишон дода, доир ба арзёбии гуногунии биологии таркиби оилаи лабгулҳо – Lamiaceae Mart. дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, муайян кардани гуногунии намудҳои оилаи лабгулҳо –

Lamiaceae Mart. дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, омӯзиши хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои оилаи – Lamiaceae Mart. дар минтақаи тадқиқотӣ, муайян кардани захираҳои *Nepeta cataricа* L., *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Gontsch, *Salvia sclarea* L. *ва Hyssopus seravschanicus* Pazij дар шароити табиии сабзиш, дурнамои истифодаи объектҳои интихобшуда дар саноати фармасевтӣ, тартиб додани харитаҳои паҳншавии намудҳои оилаи Lamiaceae Mart. дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, омӯзиши хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, арзёбии илмиро талаб менамояд, ки дар фишурдаи рисолаи Абдуғафури Сафар, таҳқиқ карда шудааст.

Диссертант ба масъалаҳои омӯзишӣ намудҳои оилаи Lamiaceae Mart. мансуби тартиби *Lamiales,* зерсинфи *Lamidae*, синфи магнолиягулҳо *Magnoliopsida* ва шуъбаи магнолиофитҳо *Magnoliophyta, а*реали паҳншавии намудҳои оила космополитӣ, хусусиятҳои асосии морфологии намояндагони оилаи лабгулҳо пояи чорқира, баргҳои супоративӣ, гулҳои дулабаи боҳамчаспида ва гулбаргҳо бо мӯякҳои зард, таркиби узвҳояшон (барг, гулбарг ва поя), сохти гули онҳо, гуногунии намудии оилаи лабгулҳо, маводҳои алоҳида оид ба фитосенология ва гуногунии оилаи лабгулҳо дар таркиби флора ва набототи Тоҷикистон дар асарҳои нашршудаи алоҳидаи муаллифон, таркиби флораи лабгулҳои қаторкӯҳи Ҳисору Дарвоз, таҳлил ва муайян шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори аввал масъалаи омӯзиши хусусиятҳои фитосенологии намудҳои оилаи лабгулҳо (Lamiaceae Mart) дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, таҳлили систематикӣ, экологӣ, муқоисавӣ ва шакли ҳаётӣ, таҳлили 74 намуди оилаи лабгулҳо муайян кардааст, ки онҳо мансуби 33 авлод мебошанд ва маълумот оид ба гуногунии онҳо 30 намуди намояндаҳои лабгулҳо равғани эфирдиҳанда (Teucrium scordioides Scutellaria adenostegia, Drepanocaryum Sewertzowii ва ғайраҳо), 21 намудашон

дорувор (Salvia sclarea, Ziziphora pamiroalaica, Lamium album, Origanum tyttanthum ва ғайраҳо), 14 намуд асаловар (Dracocephalum stamineum, Eremostachys speciosa, E. seravschanica, E. labiossisima, Salvia sclarea), 25 намуд ғизоӣ (Mentha asiatica, M. piperita, Ziziphora pamiroalaica ва ғайраҳо), 6 намуд алкалоид ва сапониндор (Scutellaria hissarica, S. adenostegia, Nepeta Formosa, Drepanocaryum bipinnatum, Leonurus turkestanicus ва ғ.), 5-намуд ороишӣ (Dracocephalum oblogifolium, Eremostachys arctiifolia, E.hissarica, E.lehmaniana), 25 намудаш хӯроки чорво (Scutellaria anitae, Nepeta podostachys, Lophanthus ouroumitanensis ва ғайраҳо) ва 2 намудаш рангдиҳанда (Phlomus bucharica, Lycopus europaeus. ва таҳлили экологӣ оид ба ҳама намудҳои оилаи лабгулҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, ки ба 4 - гурӯҳи экологӣ – ксерофитҳо 13 намуд (17,57%) дар минтақаи хокаш хушктар, мезофитҳо 50 намуд (67,56%) дар минтақаҳои намии хокашон муътадил мутобиқ шудаанд, таҳлилу арзёбии илмӣ намудааст. Чунин тарзи баррасии масъала имкон медиҳад, ки дар самти дуруст муайян кардани хусусиятҳои биологии фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart) дар самти шинохти дурусти табиатистифодабарандагон ва муайян намудани ҷойгоҳи ҳар як намуди растании мазкур дар муҳити атроф, кӯмак расонад.

Таҳлилу баррасии мазмуну мундариҷаи автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф аз уҳдаи таҳқиқи ин мавзуъ ба хуби баромадааст. Бо вуҷуди ин дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

Диссертанд дар афтореферат сарчашмаҳои асосиро, яъне омӯзиши хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулон (Lamiaceae Mart), яъне маводҳои илмии олимони соҳаи мазкурро бештар истифода кардаст, ки дар ин ҷо назари донишмандони дигар кам нишон дода шудааст.

Дар маҷмуъ сохтори автореферат ва тарзи таҳияи он ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Ҳам матни тоҷикӣ ва ҳам матни

русии автореферат хело хуб таҳрир шудаанд ва бо риояи қоидаҳои имлоии забон таҳия гардидаанд. Дар муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот ҳамаи бандҳои пешниҳодгардида таҳия шудаанд.

Ҳамин тариқ автореферати диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзӯи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта ва дорои сохтори мукаммали мантиқӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти гуфтаҳои боло қайд намудан мумкин аст, ки муаллифи таҳқиқоти илмӣ Абдуғафури Сафар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01.-Ботаника, мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаника ва экологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Акрамов Убайд Хасенович ________________

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур
кучаи Хайробод, хонаи 236
Тел.: (+992) 918332938
E-mail ubaid_ubaid@mail.ru

Имзои Акрамов Убайд Хасенович-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Қурбонзода Аваз Хол

Суроғаи муассиса: 734003
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ
хиёбони Рӯдакӣ 146
Тел.: (+992-372) 2472-07
E-mail rectoratau31@mail.ru
06.08 соли 2025